# Тақриз

**ба дессертатсияи Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна “Хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик**

Солҳои охир дар адабиётшиносии тоҷик равияҳои нави таҳқиқ ба вуҷуд омада истодаанд ва муҳаққиқони ҷавон дар ин раванд ба масъалаи омӯзиши паҳлуҳои ҷудогонаи инкишофи адабиёти тоҷик дар охири садаи XX ва ибтидои асри XX1, ё даврони истиқлолият бештар таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Таҳкиқи мавзуъҳои марбут ба адабиёти ин давра, бахусус омӯзиши ҳаёту осор ва хусусиятҳои адабию бадеии адибони маъруфи ин марҳилаи муҳими таърихӣ аҳамият ва зарурати куллӣ дорад.

Дессертатсияи Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна ба омӯзиши ҳаёту эҷодиёти яке аз адибони маъруфи ин давра Камол Насрулло, ки бо осори арзишмандаш дар таҳкими худшиносии миллӣ, тараннуми ватандӯстӣ, инсонсолорӣ, ҳифзи ҳувияти миллӣ, устувории пояҳои давлатдории тоҷикон, дастовардҳои Истиқлолият ва Ваҳдати миллӣ, тараннуми муқаддасоти давлатӣ, таҳкими завқи эстетикӣ ва зебоипарастии афроди ҷомеа нақши муассир гузоштааст, бахшида шудааст. Дар кори илмии унвонҷӯ маҳз ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло мавриди таҳқиқ қарор гирифта, муайян карда шудааст, ки ин масъалаҳо бо тобишҳои нав ба нав ва тозаи ҳунарӣ, камоли истеъдод ва маҳорати баланд, эҳсоси инсондӯстиву ватанпарварӣ ифода ёфтанд. Аз назари муҳаққиқ Камол Насрулло ба унвони як шоири ватандӯст ва ваҳдатгаро, фарзанди миллати соҳибфарҳанги тоҷик инкишофу пешрафти халқ ва миллати тоҷикро дар ҳалли чунин масъалаҳои ҳаётан муҳим дарк намудааст. Шоир чунин матолиброро дар осори хонданӣ, офаридаҳои зебо, бо ҷилоҳои зебои ҳунарӣ инъикос ва тараннум карда, ба унвони як шоири пурмаҳсул, мумтоз ва навовар дар адабиёти муосири тоҷик қарор гирифтааст.

Бо вуҷуди ин, то ҳанӯз перомуни шахсият, замони зисту зиндагӣ, ҷаҳонбинӣ, шеъру шоирӣ, ҷойгоҳи Камол Насрулло дар паҳнои васеи ҷуғрофии ҳавзаҳои адабии адабиёти форсу тоҷик ва дигар масъалаҳои алоқаманд ба шахсият, фаъолият ва эҷодиёти шоир таҳқиқи ҷомеъ сурат нагирифтааст.

Дар дессертатсияи Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоева “Хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло” нахустин бор дар адабиётшиносии тоҷик масъалаҳои мазкур мавриди таҳқиқи пурра ва ҷомеъ қарор гирифта, муаллиф як пажуҳиши наву комил бо бозёфтҳои нави илмиро рӯи кор овардааст.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, се боб, фаслҳо, зерфаслҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт ихтисос дода шудааст.

Дар мукаддимаи десертатсия оид ба аҳамияти мавзӯи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, усул ва равиши таҳқиқ, навоварии илмӣ, арзиши назарию илмии диссертатсия иттилоъ дода шудааст.

Дар боби якуми дессертатсия, ки “Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Камол Насруло”, унвон дошта, аз панҷ фасл иборат аст, оид ба оғози зиндагӣ ва муҳити хонаводагии шоир, таҳсил ва оғози фаъолияти эҷодии Камол, айёми вуруди шоир ба муҳити эҷодӣ, фаъолияти дар самтҳои дигар, таснифот ва таълифоти адиб таҳлилу баррасиҳо анҷом дода шудаанд.

Боби дувуми диссертатсия “Хусусиятҳои мавзӯии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло” унвон дошта, аз ду фасл иборат аст, ки ҳар ду аз чаҳор фасл иборатанд. Дар боби мазкур масъалаҳои мавзӯи Ватан ва ватандӯстӣ дар ашъори шоир, Ватан, ватандорӣ ва ифтихори миллӣ, бозтоби рӯйдодҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои он дар шеъри Каол Насрулло, васфи Ватан дар манзумаи “Ман ту ҳастам, Тоҷикистон”, ибтикороти шоир дар ватандорӣ, мавзӯи Ваҳдати миллӣ ва Истиқлоли давлатӣ дар ашъори Камол Насрулло, муқаддасоти миллӣ ва санаҳои тақдирсоз, тасвири анъана ва маросимҳои мардумӣ дар шеъри шоир ба таври пурра ва фарогир таҳқиқ шудаанд.

Дар боби савуми десертатсия “Мухтассоти ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло” масъалаҳои забон ва тарзи баён, ибдооти шоирона, истифодаи санъатҳои бадеӣ дар шеърҳои ватандӯстонаи Камол Насрулло таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқ дар хулосаи диссертатсия ба таври муъҷаз ва мушаххас ҷамъбаст гардидаанд.

Дар маҷмӯъ, кори тадқиқотии Мустаҷобова Рудоба Мукаррамовна дар илми адабиётшиносии тоҷик дастоварди тоза ва арзишманд буда, муаллиф оид ба омӯзиши замони зисту зиндагӣ, ҷаҳонбинӣ, мазмуну мӯҳтаво ва мухтассоти ашъори ватандӯстонаи Шоири халқии Тоҷикистон Камол Насрулло ва ҷойгоҳи ӯ дар қаламрави ҳавзаҳои адабии форсизабон нахустин бор тадқиқоти ҷомеъро анҷом додааст. Аз шиносоӣ бо муҳтавои диссертатсия маълум гардид, ки мавсуф дар соҳаи таҳқиқи адабиёт таҷрибаи кофӣ дорад. Ин аст, ки муаллиф сарчашмаҳои зиёди адабиро омӯхта, ҷамъбаст намуда ба натиҷаҳои илмии асоснок ноил гардидааст. Тадқиқот, натиҷагирӣ ва хулосаҳои илмӣ бо далелу бурҳонҳои қотеъ сурат гирифтааст.

Бо дарназардошти муваффақиятҳои дар боло зикршуда метавон гуфт, ки дессертатсияи Мустаҷобова Р.М.- “Хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло” кори тадқиқоти илмии пурра ва анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи дессертатсия барои гирифтани унвони илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01- Адабиёти тоҷик сазовор мебошад.

Муқарриз [signature] Азорабеков С. Қ., номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти ДДХ ба номи Моёншо Назаршоев

Имзои Азорабеков С. Қ.- ро тасдиқ мекунам:

Шабдолов Қ., сардори шуъбаи кадрҳои ДДХ